«Тасдиқ мекунам»
ректори Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров»
__________ профессор Усмонзода А.И.
«__9__» ___11_____ соли 2022

**ХУЛОСАИ**
**КАФЕДРАИ АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИКИ ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ ТОҶИКИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

Диссертатсияи унвонҷӯ Раҳимова Наргис Қаҳоровна дар мавзӯи “Нақши тарҷума ва хусусиятҳои он дар эҷодиёти Фарзона” аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ) дар кафедраи адабиёти муосири тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба иҷро расидааст.

Раҳимова Н.Қ хатмкардаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров аз рӯйи ихтисоси филолог, омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик (2001) буда, солҳои 2007-2017 дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №7 ш. Хуҷанд, солҳои 2017-2021 дар Коллеҷи техникии ш. Хуҷанд кор кардааст ва аз соли 2021 дар МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” дар вазифаи сармуаллимаи кафедраи адабиёти муосири тоҷик фаъолият дорад. Аз соли 2021 унвонҷӯи кафедраи адабиёти муосири тоҷик буда, дар баробари кори таълим бо корҳои илмӣ низ машғул шудааст. Ӯ дар таълифи як қатор мақолаҳо ва баргузории конфронсҳои илмӣ саҳм дорад, дарсҳояшро дар сатҳи баланд мегузаронад, дар корҳои ҷамъиятӣ низ фаъол аст. Барои фаъолияти пурсамараш бо сипоснома, ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати донишгоҳ қадр карда шудааст.

Рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедра Н.Қ. Раҳимова “Нақши тарҷума ва хусусиятҳои он дар эҷодиёти Фарзона” дар кафедраи

адабиёти муосири тоҷики факултети филологияи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» таълиф ва ба дифоъ омода гардидааст.

МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба Раҳимова Наргис дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ шаҳодатнома (№ 30) додааст.

**Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти** мазкур иборат аз таҳқиқи ҷойгоҳи тарҷума дар эҷодиёти Фарзона ва муайян кардани нақши он дар таҳаввули тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии шоира мебошад. Дар рисола вазифаҳои зерин гузошта шудаанд: бозтоб ва сайри мухтасари таърихи тарҷумаҳои осори адибони рус ва тоҷик дар робита бо таҳаввули тарҷумашиносии тоҷик; бозтоби мухтасари ҷойгоҳи тарҷумаҳои русӣ ва тоҷикӣ дар раванди равобити адабии халқҳо; таҳлили осори шоирони маъруфи олам дар тарҷумаи Фарзона, ки аз забони русӣ сурат гирифтаанд; муқоисаи усулии тарҷумаҳо ва нусхаҳои таҳриршудаи онҳо; таснифи тарҷумаи ашъори Фарзона ба забонҳои дигар;

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои илмии ба даст оварда, барои таҳқиқи ҷанбаҳои ҳунарии шеъри муосири тоҷик, хоса, даврони истиқлол, аз ҷумла, ҷойгоҳи тарҷума барои доираи васеи муҳаққиқон ва мунаққидон, инчунин дигар пажуҳишгарону дилбохтагони маърифати шеъри имрӯз ҳамчун маводи илмӣ кӯмак менамояд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки маводи ҷамъовардашуда дар рисола ва натиҷаҳои таҳқиқро метавон ҳангоми навиштани мақола, таълифи рисолаҳои илмӣ оид ба масъалаҳои хусусиятҳои мавзуиву ҳунарии тарҷумаи шеъри тоҷикӣ ва русӣ, иншои китобҳо дар бораи таърихи адабиёти муосири тоҷик ва давраи истиқлолият, таълиф ва мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо, мактабҳои миёна, омода кардани курси лексияҳо аз таърихи адабиёти тоҷик, курс ва семинарҳои махсус дар мактабҳои олӣ, суханрониҳо дар мактабҳои миёна ва олӣ истифода кард.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик тарҷумаи шеъри русӣ ба тоҷикӣ ва тоҷикӣ ба русӣ дар заминаи эҷодиёти Фарзона дар шакли рисола мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ба ин муносибат муаллиф кӯшиш кардааст, ки муҳимтарин масоили таърихи тарҷумаро мавриди назар қарор дода, мундариҷаи осори ба тоҷикӣ тарҷумашудаи шоирони рус ва ҷаҳонро бо қалами Фарзона ва ҳамзамон ашъори Фарзонаро дар тарҷумаҳои русӣ ва забонҳои дигар муайян намояд. Дар зимни ин бори аввал масъалаи таваҷҷуҳи Фарзона ба масоили кори тарҷумонӣ низ аз назари муаллифи рисола берун намондааст. Аз ҷониби дигар, дар мавриди баъзе ҷанбаҳои мавзӯӣ, ҳунарӣ ва сабкии тарҷума, ибтикороти тарҷумонии Фарзона бо мутарҷимони дигар низ арзёбии қиёсӣ сурат гирифтанд.

Ҷолиби диққат аст, ки рисолаи мавриди назар дар доираи барномаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва дурнамои корҳои илмии кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” таълиф шудааст.

**Нуктаҳои асосии ҳимояшавандаи рисола аз инҳо иборатанд:**

1. Тарҷума ва тарҷумашиносӣ ҳарчанд дар адабиёти ҷаҳон собиқаи тӯлонии таърихӣ доранд, аммо дар адабиёти тоҷик ба замони пайдоиши мактаби шӯравии тарҷума пайванд мегиранд.

2. Пайдоиши намунаҳои аввалини тарҷумаро тарҷумашиносон ба асри III мутааллиқ duниста, ба забони форсии миёна (паҳлавӣ) тарҷума ва тафсир шудани як қисмати муҳими «Авасто» - «Занд» -ро густариши ин шакли адабӣ дар ин давра меҳисобанд.

3. Бо густариши ҳаракати тарҷума дар даврони инкишофи илму адаби форсӣ тарҷума ҷойгоҳи хосе касб намуда, ҳатто ба як воситаи бадеии шеъри ин давра табдил ёфт.

4. Дар қаламрави адабиёти давраи шӯравӣ ва муосири тоҷик корбурди тарҷума роҳу шеваҳои мухталиф касб намуд. Қарор гирифтани суханварони муосири тоҷик, шурӯъ аз устодони шеъри имрӯз-Лоиқ

Шералӣ, Бозор Собир, Гулназар, Гулрухсор, Фарзона дар сароғози як марҳилаи муҳими таърихи адабиёти муосир ба рушди соҳаи тарҷумонӣ асос гузошт.

5. Омӯзиш ва баррасии муфассали фаъолияти тарҷумонии Фарзона метавонад, дар ифшои бисёре аз паҳлуҳои ҳанӯз таҳқиқнашудаи эҷодиёти ӯ саҳм гузорад.

6. Тарҷумаҳои Фарзона, ки аз нигоҳи мавзуъ ва масоили мавриди таваҷҷуҳи ӯ баҳо дода шудаанд, нишон медиҳанд, ки ӯ масъулияти баланд нишон дода, дар назди худ вазифа гузоштааст, ки шеъри тоҷикро бо ҷаҳонбинии хоси комилан нав ва образҳои тоза бой гардонад.

7. Омӯзиши тарҷумаҳои Фарзона аз ҷиҳати муқоисавӣ ва дараҷаи мувофиқати онҳо бо матнҳои аслӣ, барои муайян намудани услуби тарҷумонии ӯ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Ин муносибат ба мо имкон медиҳад, ки хусусиятҳои тарҷумаи ашъори адибони рус ва хориҷиро маълум намоем.

8. Дар ифшои вижагиҳои ашъори Фарзона, муайян намудани назари шоирии ӯ, бахусус, дар интихоби мавзуъ, шакл ва низоми образнокӣ таъсири адибони рус хеле бузург аст.

9. Тарҷумаи ашъори шоирони ҷаҳон ба забони тоҷикӣ ва тарҷумаи ашъори Фарзона ба забони русӣ ва дигар забонҳо давоми он суннатҳои тарҷума ҳастанд, ки дар даҳсолаҳои пешин сурат гирифта буданд. Ин тарҷумаҳо ба ташаккулу рушди адабиёт ва фарҳанги милливу байналмиллалии замони нав таъсири куллӣ расонидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарияи адабиётшиносони хориҷию ватанӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ,

дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардидаанд.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Раҳимова Наргис дар 9 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфта, рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

1. **Мақолоте, ки аз рӯйи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба нашр расидаанд:**

**а) мақолаҳо дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда:**

[1-М]. Раҳимова, Н. Ашъори Ф. Тютчев дар тарҷумаи Фарзона [Матн] / Наргис Раҳимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – № 3. – С. 189-194.

[2-М]. Раҳимова, Н. Тафовути тарҷумаи ашъори Иоҳан Гёте аз тарафи Лоиқ ва Фарзона [Матн] / Наргис Раҳимова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2022. – № 1-3. – С. 164-172.

[3-М]. Раҳимова, Н. Вежагиҳои тарҷумаи ашъори Фарзона ба забони русӣ [Матн] Наргис Раҳимова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – № 3. – С. 248-254.

**б) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаю маҷмуаҳои илмӣ:**

[4-М]. Рахимова, Н. «Pray» by A. Exupery in Farzona´s translation [Text] / Наргис Рахимова // Проектирование. Опыт. Результат. Международный научный журнал. – Воронеж, 2021. – № 3. – С. 41-44.

[5-М]. Раҳимова, Н. Баъзе масъалаҳои тарҷума дар замони муосир [Матн] / Наргис Раҳимова // Паёми навраҳони илм. Маҷмуаи мақолаҳои олимон, муҳаққиқони ҷавон ва магистрантон. – Хуҷанд: Ношир, 2021. – № 1. – С. 55-60.

[6-М]. Раҳимова, Н. Вижагиҳои фаъолияти тарҷумонии Фарзона [Матн] / Наргис Раҳимова // Паёми навраҳони илм. Маҷмуаи мақолаҳои олимон, муҳаққиқони ҷавон ва магистрантон. – Хуҷанд: Ношир, 2021. – № 1. – С. 60-69.

[7-М]. Раҳимова, Н. Мавқеи тарҷума дар ашъори Фарзона [Матн] / Наргис Раҳимова // Паёми навраҳони илм. Маҷмуаи мақолаҳои олимон, муҳаққиқони ҷавон ва магистрантон. – Хуҷанд: Ношир, 2022. – № 2 – С. 229-235.

[8-М]. Раҳимова, Н. Махсусиятҳои тарҷумаи ашъори Фарзона ба забони русӣ [Матн] / Наргис Раҳимова // Маводи конфересияи онлайнии байналмилалӣ дар мавзуи «Шеъри имрӯз: суннат ва навоварӣ». – Хуҷанд: Ношир, 2022. – С. 55-60.

[9-М]. Рахимова, Н. Художественный перевод как фактор истории русско-таджикских литературных взаимосвязей [Текст] / Наргис Рахимова (в соавторстве) // Международный научно-практический журнал. – Алматы, 2022. – С. 184-191.

Хулоса, кори диссертатсионии унвонҷӯ Раҳимова Наргис Қаҳоровна дар мавзуи «Нақши тарҷума ва хусусиятҳои он дар эҷодиёти Фарзона» кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ буда, дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ) тавсия мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» бо иштироки устодони кафедраи номбурда қабул шудааст.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** 12 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12, «зид» – 0, «бетараф» – 0.

Суратҷаласаи №4-ум аз «8-уми» ноябри соли 2022.

**Доктори илми филология,**
**профессори МДТ**
**«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик**
**Бобоҷон Ғафуров»:** **Мирзоюнус М.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1,**
**тел. (+992) 92 733 56 96**
**E-mail: matluba.khojaeva@gmail.com**

**Котиби ҷаласа:** **Ёдгори А.**

**«Имзоҳои М.Мирзоюнус ва А.Ёдгориро тасдиқ мекунам».**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ**
**«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик**
**Бобоҷон Ғафуров»:** **Наврӯзов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд,**
**гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1.**
**Тел.: (+992) 900420202**
**E-mail: n.ehson@mail.ru**